# САРИВАКТ ЧАМЪОВАРИИ ХОСИЛ АЗ ХАР ЧИХАТ МУФИД АСТ

Нохияи Зафарobod яке аз минтакахои пахтакорӣ дар кишвар махсуб ёфта, бо иклими гарм ва хоккхои хосилхез барои парвариши пахта шароити мусоид дорад. Сохаи пахтакорӣ дар нохияи Зафаробод яке аз мухимтарин манбаъхои даромади иктисодӣ барои мардуми минтака мебошад. Аз замони шӯравӣ пахтакорӣ дар ин минтака инкишоф ёфта, баъд аз сохибистиклолӣ низ рохбарону масъулин барои нигох доштани мавкеи худ дар ин соха ва афзун кардани хосилнокӣ тавассути такмили усулхои парвариш ва идоракунии захирахои об чорахчӯихои зарурииро рохандозӣ намуданд.

Мардуми мехнаткарини нохияи Зафаробод соли равон аз аввали сол дар майдони 11 хазору 22 гектар кишти зироати пунбадонаро ба рох монда, тибки дурнамо соли равон чамъоварии 33 хазору 242 тонна пахта истехсол намоянд. Бино ба маълумоти саркишоварзи нохияи Зафаробод Рахим Ашӯрзода ба санаи 18-уми октябр ба микдори наздик ба 10 тонна хосили пахта чамъоварӣ гардидааст, ки ин нишондод наздик 28 фоизи накша барбар аст. Хамарӯза барои кӯмаки марди дехкон то 13 хазор чинакчиёну хашарчиён ба майдонхои кишт баромада, бо кӯмаки онхо дар як рӯз беш аз 160 тонна хосил чамъоварӣ мегардад.

Дар раванди ичрои чиниши хосил кишоварзони чанде аз хочагихои дехконӣ, аз чумла Хочагии дехконии “Гоибназар”, “Камола”, “Дахкат”, “Рӯзибой” фаъолнокии бештар нишон дода, дурнамои истехсолиашонро ба ичро расониданд. Зимни сухбат масъулин иброз доштанд, ки хочагии мазкур имсол дар масохати 12 гектар кишти пунбадона гузаронида, то имрӯз 25 тонна пахта чамъоварӣ намуда, хосилнокиро ба 33 сентнерӣ расониданд. Алхол бинобар зиёд будани хосил дар майдонхои пахтазор чиниши дуюм чараён дорад ва хочагидорони ин хочагӣ азм доранд, ки хосилнокиро аз хар гектар ба 33 сентнерӣ расонида боз наздик 15 тонна хосили пахтаи хушсифат ба хирмани нохия зам намоянд. Лозим ба ёдоварист, ки алхол тибки дастуру супоришоти Раиси вилоят маблаги чиниши хар килограмми пахта 1 сомониву 50 дирам пешбинӣ гардидааст, ки ин омил низ бахри дилгармиву кадрдонии захмати чинакчиён нигаронида шудааст. Ба хамагон маълум аст,

ки Зафаробод аз минтакахои асосии пахтакори вилоят махсуб ёфта, кишоварзони нохия дар самти кишти зироати пунбадонаву истехсоли навъхои гуногуни серхосил тачрибаи ганӣ доранд.

Имрӯзхо дар майдони корзор чамъоварии хосили марди дехкон босуръат чараён дошта, дар Чамоатхои дехоти нохия, ин хам бошад Чамоати дехоти ба номи Чомӣ, Хамид Алиев, Мехнатобод хамарӯза беш аз 7 хазор чинакчиёну хашарчиён ба кӯмаки хочагидорон мебароянд.

Ин буд, ки захматкашони нохия сол аз сол барои рушду такомули соха бо истифода аз усулхои пешрафтаву риояи агротехникии кишту парвариш ба натичахои назаррас ноил гаштаанд.

- Сохаи саноатии нохия асосан аз коркарди пахта ва махсулоти он вобаста буда, махсулоти истехсолнамудаи корхонахои саноатии нохия чавобгӯи талаботи бозор буда, мунтазам дар бозорхо харидори худро доранд. Дар ин радиф аз чониби 7 корхонаи пахтатозакунии шахр, ин хам бошад ЧДММ “Точикистон-агро”, “Асали Зафаробод”, “Кони ганч”, “Комилчон 2013”, “Ховари умед”, “Тӯрачон” ва “Зафаробод инвест” коркарди ашёи пуркиммати саноатӣ вусъати тоза гирифтааст. Хочагихои дехконӣ аз огози сол бо онхо шартнома баста, имрӯзхо пахтаашонро ба коркард супурда, махсулоти баландсифат гирифта истодаанд. Тибки тахлилхо микдори бештари пахтаро дар заводи пахтаи ЧДММ «Зафаробод инвест» 2600 тонна, “Кони ганч”-2200 тонна барои коркард кабул карда, кор дар ин самт чараён дорад, - иброз дошт Р.Ашӯрзода.

Хочагихои дехконӣ вобаста ба иклим чанд сол инчониб истифодаи тухмии навъи серхосил ва хамзамон ба беморихои ин зироат устувор, ин хам бошад аз тухмихои хушсифати истехсоли давлати Хитой, Туркия ва тухмии навъи махаллӣ “Хучанд 67”, ки ба иклими махал мусоид аст, кишт менамоянд.

Маълум аст, ки барои ба даст овардани хосили дилхох барои кишоварзон обрасонии саривактӣ ба майдонхои кишт мебошад, дар ин замина пеш аз хама фаъолияти мунтазами пойгоххои обкашӣ ва иншооти обрасон дар мавсим мувофики максад аст. Масъалаи бо оби полезӣ таъмин намудани майдонхои кишти кишоварзон зери назорати катъии рохбарияти вилоят карор дошта, он пеш аз хама барои рушди сохаи кишоварзӣ ва хамзамон бахри сахмгузорӣ ба таъминоти амнияти озукаворӣ мебошад.

Барои нохияи Зафаробод рушди сохаи кишоварзӣ ва хусусан сохаи пахтакорӣ фаровонии оби обёрӣ дар шароити беш аз 90 фоизи обёрии заминхо тарики пойгоххо омили пешрафт ва хосили дилхохи сохаи кишоварзист. Яъне татбики босифати корхои омодагӣ ба мавсим дар хамаи пойгоху дастгоххои обкашиву обтаъминкунӣ мухим бино ба гуфти масъулин имсол танкисии об наонкадар зиёд ба назар расид.

Вале бовучуди сол аз сол рушд ёфтани сохоти мухталиф, холо хам сохаи пахтакории нохияи Зафаробод якчанд мушкилот чой дорад, инхо норасоии об,фарсудашавии тачхизоти дастгоххои обрасонӣ ва инфрасохтори кишоварзӣ, арзиши баланди нурихои минералӣ мушкилихои асосии пахтакорӣ дар нохия мебошад.

Чоизи кайд аст, ки бо дастгирии Раиси вилоят Рачаббой Ахмадзода нисбат ба солхои каблӣ вазъи сохаи обрасонии вилоят, аз чумла нохияи Зафаробод бехтар гардидаву дар ин самт лоихахо тархрехиву амалӣ гардонида мешаванд.

Ба санаи 18-уми октябри соли равон дар хафт навохии пахтакори вилояти Сугд наздик 47 хазор тонна пахта чамъоварӣ шудааст, ки ин ба 34,9 фоизи накша баробар аст.

Тавре муовини сардори Сарраёсати кишоварзии вилоят Абдуазиз Махмудзода иттилоъ дод, алхол дар вилоят маъракаи чиниши пахта муташаккилона идома дошта, кишоварзони шахру нохияхои Спитамен -49 фоиз, Бобочон Гафуров 48,7 фоиз, Конибодом 41,8 фоиз, Чаббор Расулов 38,2 фоиз, Ашт 30,6 фоиз, Зафаробод 27,1 фоиз, Мастчох 25,1 фоиз дурри гаронбахо чамъоварӣ намудаанд.

Дар чараёни босуръат чамъоварии дастранчи марди дехкон сахми ёрдамчиёну хашарчиён басо назаррас буда, хамарӯза хамагӣ беш аз 50 хазор нафар (дар рӯзхои офтобӣ) дар майдонхои пахтазор баробари марди дехкон мехнат менамоянд. Дар ин раванд сахмдорону хочагидорони вилоят низ бо истифода аз рӯзхои мусоиди офтобӣ ва имконоту шароити мавчуда истифода бурда, дастачамъона мехнат намуда истодаанд ва сол аз сол афзудани сафи чинакчиён (соли 2016-32 хазор нафар) худ шаходати гуфтахои болоист. Албатта, ба майдонхои пахтазор баромадани чиниакчиёну хашарчиён аз як чихат кӯмак дар чамъоварии саривактии хосил бошад, аз чихати дигар фарохам омадани чойи корӣ ва бехтаршавии шароити рӯзгори мардуми минтака мегардад.

Соли равон кишоварзони вилоят дар масохати 52363 гектар кишти пунбадона гузаронидаанд, ки нисбат ба соли гузашта ба масохати 7 хазору 300 гектар майдони пахтазор зиёд шудааст.

**Маъмурахон САМАДОВА,**

**“Хакикати Сугд”**